# Намоз дар пайи намоз

[ Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية ]

Таҳия: Мусъабӣ Ҳамза

2013 - 1434

IslamHouse.com

# صَلَاةٌ عَلَى أَثَرِ صَلَاةٍ

«باللغة الطاجيكية»

إعداد: مصعب حمزة

2013 - 1434

IslamHouse.com

## Намоз дар пайи намоз

Худованд мефармояд:

﴿كَلَّآ إِنَّ كِتَٰبَ ٱلۡأَبۡرَارِ لَفِي عِلِّيِّينَ ۞ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا عِلِّيُّونَ ۞ كِتَٰبٞ مَّرۡقُومٞ ۞ يَشۡهَدُهُ ٱلۡمُقَرَّبُونَ ۞﴾ المطففين ١٨-٢١

На чунин аст (ки мепиндоранд), ҳаройна, аъмоли некон дар иллийин мактуб аст. 18
Ва ту чӣ медонӣ, ки иллийин чист? 19
Китобест навишташуда! 20
Ки муқаррабони Худо онро мушоҳида мекунанд. 21

Мутаффифин 18-21

عَنْ أَبِي أُمَامَةَ رَضِيَ الله عَنْهُ، أَنَّ رَسُولَ اللَّهِ صَلَّى اللَّهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قَالَ: "لَمَنْ خَرَجَ مِنْ بَيْتِهِ مُتَطَهِّرًا إِلَى صَلَاةٍ مَكْتُوبَةٍ فَأَجْرُهُ كَأَجْرِ الْحَاجِّ الْمُحْرِمِ وَمَنْ خَرَجَ إِلَى تَسْبِيحِ الضُّحَى لَا يَنْصِبُهُ إِلَّا إِيَّاهُ فَأَجْرُهُ كَأَجْرِ الْمُعْتَمِرِ وَصَلَاةٌ عَلَى أَثَرِ صَلَاةٍ لَا لَغْوَ بَيْنَهُمَا كِتَابٌ فِي عِلِّيِّينَ" (أخرجه أبو داود، ١/١٥٣، ٥٥٨، و حسنه الألباني.)

Аз Абуумома (р) ривоят аст, ки расули Худо (с) гуфт: "Барои касе, ки аз хонааш пок (бо таҳорат) барои намози фарзиро бо ҷамоъат хондан баромад, Аҷру савоби ӯ мисли аҷру савоби ҳоҷии муҳрим (касе ки эҳром пушида нияти ҳаҷ кардааст) аст. Ва касе ки барои тасбиҳи зуҳо (намози сари офтоб) баромад, аҷру савоби ӯ мисли аҷру савоби умракунанда аст.

Ва намоз дар пайи намоз, ки байнаш беҳудаги набошад, мактуб ва навишта шудааст дар иллийин"

(Абудовуд 1/153 , 558)

Шахсе ки ба сӯи масҷид равад, (баъд аз таҳорат кардан) барои ба ҷой овардани намози фарзӣ (бомдод, пешин, аср, шом, хуфтан), пас аҷру савоби ӯ мисли аҷру савоби касе аст, ки эҳром пушида ба Маккаи мукаррама сафар карда ва ҳаҷҷи хонаи худоро ба ҷой овардааст.

Инчунин касе, ки таҳорат карда намози зуҳоро (намози зуҳо он намозе аст, ки пас аз тулуъи офтоб то даромадани вақти намози пешин хонад мешавад) ба ҷой биёрад ва ин таҳорат кардану баромаданаш аз хона ва ё тарк кардани корҳояш фақат барои ба ҷой овардани намози зуҳо бошад. Пас савобу аҷри касеро мегирад, ки умра (ҳаҷҷи умра) карда бошад.

Аллома Шамсулҳақи Азимободи мегӯяд: Тасбиҳи зуҳо, намози зуҳо мебошад.

Дар фазилати ин намоз дар саҳиҳайн аз Ҳазрати Абуҳурайра омада аст, ки гуфтааст:

Васият кард маро Ҳабибам (яъне Расули Худо алайҳиссалом) ба се чиз, ки то вақти маргам онҳоро тарк накунам:

1- Рӯза доштани 3 рӯз аз ҳар моҳ (яъне рузҳои 13,14 ва 15 аз моҳҳои ҳиҷри).

2- Ва хондани намози Зуҳо (ишроқ).

3- Ва хоб кардан пас аз намози витр.

Инчунин намоз дар пайи намоз, хоҳ намози фарзӣ бошад ё намози суннат ё нафли ва дар байни ин намозҳо беҳудаги ё сухани ботилу ёвагӯи набошад, мактуб ва мақбул аст дар иллийин. Яъне ин намоз қабулшуда аст ва малоикаҳои муқарраб онро ба боло мебаранд, барои такрим ва бузургдошти муъмин ва амали солеҳаш.

Имом Табари дар тафсираш мефармояд: Маънои "Иллийин" дар баланди, дар осмон болои осмон, ва баланди болои баланди, ва ҷоиз аст, ки то осмони ҳафтум бошад , ё то пояи Арш бошад.

(Тафсири Табари 24/210-211)

Худованд ҳамаи моро аз ҷумлаи муъминони солеҳ гардонад. Омин!